«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
__________Насриддинзода Э.С.
«_30_»______11______ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи милллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст. Роҳбари илмӣ академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ мебошад.

Сироҷзода Нигина Раҷаб соли 2015 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм карда, аз соли 2016 то соли 2020 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Ҳамзамон, солҳои 2015-2020 коргузори факулта ва аз соли 2020 то инҷониб ба сифати ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети мазкур фаъолият карда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Сироҷзода Нигина Раҷаб дар шурои олимони факултаи журналистикаи ДМТ аз 22 феврали соли 2016, қарори № 6 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Сироҷзода Нигина Раҷаб 12-уми ноябри соли 2024, № 124 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ гардид:**

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Ҳайсият ва шахсияти доктори илмҳои филологӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, профессор Асадулло Саъдуллоев бориз буда, саҳми устод дар ташкили мактаб ва равияи хос дар журналистикаи ватанӣ, табрияи мутахассисони соҳибунвон ва касбӣ барои воситаҳои ахбори омма бебаҳс аст.

Асадулло Саъдуллоев яке аз муваффақтарин муҳаққиқи публитсистика ба шумор меравад, ки унсурҳои публитсистиро дар адабиёти муосири тоҷик

баррасӣ намуда, ҳамаи ҷанбаҳои вобаста ба онро омӯхта, мактаби таҳқиқи публитсистикаро васеъ кардааст.

Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқ фаъолияти серсоҳа дошта, дар самти адабиёт, журналистика ва публитсистика таҳқиқоти муҳимму арзишманде ба анҷом расонидааст. Муаллиф бо идроки хос тавассути осори таълифнамудааш мавзуъҳои муайянеро бозгӯ намуд.

Бо ин ҷиҳатҳо муҳимтарин унсури адабиёт, насри мустанад, публитсистика ва журналистика аз мадди назари муҳаққиқ А. Саъдуллоев дур намондааст. Таҳқиқоти ӯ ба масъалаҳое равона шудааст, ки омӯзиши онҳо барои муайян намудани моҳияти насри мустанад ва публитсистикаву журналистика ёрӣ мерасонад. Дар фаъолияти илмии қариб панҷоҳсолаи худ муҳаққиқ А. Саъдуллоев беш аз 40 асари илмӣ ва ҳудуди 300 мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст.

Диссертатсия дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мутобиқат мекунад.

Ҳамчунин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввули публитсистика метавон такя кард. Мавзуи диссертатсия ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самти рӯзноманигорӣ алоқамандии амиқ дошта, як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи ДМТ барои солҳои 2015-2020 маҳсуб меёфт.

Бо назардошти бисёр паҳлуҳо пажуҳиши фаъолияти муҳаққиқии профессор А. Саъдуллоев дар соҳаи журналистикаву публитсистика мавзуи комилан нав мебошад.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқро дар муайян намудани масъалаҳои асосии таҳқиқи А. Саъдуллоев дар самтҳои таъриху назарияи журналистика, насри публитсистӣ дар эҷодиёти адибон, жанрҳо ва проблемаҳои публитсистика ва мактаби ташаккулёфтаи таҳқиқи публитсистика медонад. Барои ноил гардидан ба мақсади пешгузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин муҳим шуморида мешавад:

- муайян кардани саҳифаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти муҳаққиқ; нишон додани ҷузъиёти асосии фаъолияти журналистиии муҳаққиқ професоор А. Саъдуллоев дар телевизион ва матбуот ва нақши расонаҳо дар такомули эҷодии ӯ;

- баррасии фаъолияти омӯзгории А. Саъдуллоев дар донишгоҳ ва таъсири он дар фаъолияти пажуҳишии муҳаққиқ; таҳлилу баррасии масъалаҳои назариявии публитсистикаи муосири тоҷик дар таҳқиқоти олим; мушаххас намудани муаммову мушкилоти публитсистикаи муосири тоҷик ва проблемаҳои дурнамои он, ки аз ҷониби муҳаққиқ А.Саъдуллоев баррасӣ гардидаанд;
- нишон додани симои М. Турсунзода ҳамчун мубаллиғи фаъоли давру замон ва маълум намудани вижагиҳои осори публитсистии адиб дар осори Асадулло Саъдуллоев; муайян кардани уфуқҳои таҳқиқи публитсистикаи муосир дар мактаби илмии А. Саъдуллоев.

Омӯзиши фаъолияти сершохаи профессор Асадулло Саъдуллоев имкон медиҳад, ки аз чанд дидгоҳ ба публитсистикаи муосири тоҷик назар афканем. Чун номбурда ҳам муҳаққиқ ва ҳам бевосита публитсист буд, таҳқиқи назарияву амалияи А. Саъдуллоев нозукиҳои услуби публитсистиро бароямон ифшо мекунад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи васеи илмии публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев мубраму зарур ҳисобида мешавад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10–Рӯзноманигорӣ нишон дода шудаанд, пурра мувофиқат менамояд. Муҳтавои диссертатсия ва хулосаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи қавӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқро зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла публитсистика, ҷомеашиносӣ, адабиёт, нақди адабӣ ва ғайра татбиқ намудан мумкин аст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи профессор Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик заминаҳои заруриро фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқро олимон, муҳаққиқони ҷавон, донишҷӯёни факултетҳои журналистикаву филология ва ихтисосҳои ҷомеашиносӣ *метавонанд, ки васеъ истифода намоянд. Ин* диссертатсия паҳлуҳои таҳқиқногардидаро муайян намуда, дар заминаи он монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, таҳлили маводи ҷамъоварда, таълифи *мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, дар раванди корҳои* таҳқиқотӣ бо роҳбари илмӣ машваратҳои илмӣ намудааст. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи пажуҳишҳои ӯ буда, дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои

пешниҳодшуда тасаввурот ва донишҳои назариявиро дар фаҳмиши таҳқиқи публитсистика афзуда, метавонад, самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти А.Саъдуллоев мушаххас гардида, ҷанбаҳои муҳимми он ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян мегардад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққиқро ба масъалаҳои фарогири публитсистикашиносӣ мушаххас намуда, як паҳлуи муҳимми илми адабиётшиносӣ, ки мустақил гардидааст, собит менамояд.

Ба сифати мавод ва ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ асарҳои «Публитсистикаи Турсунзода» (Душанбе, 1988.-112с), «Жанрҳои таҳлилии матбуот» (Душанбе, 1994. – 58 с.), «Ҳамосаи инсони кор» (Душанбе, 1995. – 64 с.), «Хосияти адабиёт. Пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ» (Душанбе: Адиб, 2000. – 264 с.), «Рангҳои зиндагӣ» (Душанбе, 2007. – 344 с.), «Наҷвои наҷотофарин» (Душанбе, 2008. – 112 с.), «Горизонты публицистики» (Душанбе, 2009.-312 с.), «Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции» (Душанбе, 2010. – 116 с.), «Очерк: генезис, развитие и современное состояние» (Душанбе, 2012. – 216 с.), «Агар сухан коргар шавад...» (Душанбе, 1992. – 272 с.), «Муаммои назарияи публитсистика» (Душанбе, 2015. – 184 с.), «Бомдоди шубоб» (Душанбе, 1994. – 140 с.) ва дигар мақолаву асарҳои ба эҷоди А.Саъдуллоев алоқаманд истифода шудааст. Ҳамчунин, дар рисола 14 фишурдаву монографияҳои илмии муҳаққиқон ба сифати сарчашма дар самти журналистикаву публитсистика мавриди истифода қарор гирифтаанд

Асосҳои назариявӣ ва метологиии диссертатсияро асарҳои илмию назариявии олимони шинохтаи рус ва тоҷик В. Учёнова, М. Черепахов, Е. Журбина, Е. Прохоров, И. Усмонов, А. Нуралиев, М. Имомзода, С. Мухторов, А. Кучарзода, М. Муродӣ, А. Азимов, М. Муқимов, М. Абдуллоев, Н. Салихов, Ш. Муллоев, А. Қутбиддинов, Н. Бозоров, С. Гулов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои омӯзишӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ, таҳлили мантиқӣ таълиф гардидааст.

Навгонии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал осори илмии А.Саъдуллоев ва таҳқиқоти ӯ дар соҳаи публитсистика мавриди пажуҳиш қарор гирифта, мавқеи профессор А. Саъдуллоев дар таҳқиқи насри мустанад, масъалаҳои назариявӣ дар публитсистика, проблемаҳову муаммоҳои жанрӣ, сабку забону услуб, мундариҷаву мавзуъ, масъалаҳои рушду таназзули соҳа, мушкилоту монеаҳо, нақши адиб дар ташхиси равандҳои иҷтимоӣ, ташаккули мактаби илмӣ ва бисёр паҳлуҳои дигар нишон дода шудааст. Навгониҳои таҳқиқ ба он асоснок карда мешавад, ки чунин навъи пажуҳиш дар самти публитсистикаву журналистика яке аз нахустинҳост. Диссертатсияи номзадии Сироҷзода Нигина Раҷаб аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, метавонад дар самти публитсистикашиносии тоҷик, такомули жанри очерк, рушду маҳорати

нигорандагӣ, нақш ва аҳаммияти он дар алоқамандии воқеияти иҷтимоӣ ва инкишофи ҷомеаи муосир истифода бурда шавад.

**Мутобиқи теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мавзуъ, муқаррарот, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-амалии диссертатсия дар 7 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.


**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сироҷова, Н.Р. Назаре ба таҳқиқоти публитсистии Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 302-305.

[2-М]. Сироҷова, Н.Р. Место эссе в исследованиях профессора Асадулло Саъдуллоева [Текст] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №1 (73). – С. 153-158.

[3-М]. Сироҷова, Н.Р. Профессор Асадулло Саъдуллоев ва нақди адабии тоҷик [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 313-317.

[4-М]. Сироҷова, Н.Р. Масъалаҳои нақди илмӣ дар таҳқиқоти Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 285-289.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар илмӣ чоп шудаанд:**

[5-М]. Сироҷова, Н.Р. Мактаби илмии профессор Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Дар моварои сухан. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2018. – С. 105-109.

[6-М]. Сироҷова, Н.Р. Насри мустанад дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маҷмуаи гузоришҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80-солагии Асадулло Саъдуллоев (Душанбе, 2020). – Душанбе, 2020. – С. 151-160.

[7-М]. Сироҷова, Н.Р. Нақши ВЭА дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити муосир [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (Душанбе, 2022). – Душанбе, 2022. – С. 90-96.

Ҳамин тариқ, кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаброро кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10– Рӯзноманигорӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мегардад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои телевизион ва радиошунавонӣ, матбуот, услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ ва журналистикаи байналхалқии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллли Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратмаҷлиси № 5 аз 27. 11. 2024.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
**Доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи телевизион ва радиошунавонии**
**факултети журналистикаи ДМТ** **Саъдуллоев Ҷ. М.**

**Котиби илмӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи матбуоти ДМТ** **Усмонова Н. К.**

*Имзоҳои Саъдуллоев Ҷ. М. ва*
*Усмонова Н.К.-ро тасдиқ мекунам.*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
27 ноябри соли 2024